# ҲИСОБОТИ МУХТАСАР

## оид ба фаъолияти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022

Раёсати Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон гузориши президенти АИКТ Н.М. Асозодаро оид ба фаъолияти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022 баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки бо мақсади иҷрои вазифаҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.01.2021), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ва вазифаҳо барои соли 2021” (27.01.2021), барномаҳои давлатии рушди бахшҳои соҳаи кишоварзӣ ва Барномаи давлатии рушди АИКТ барои солҳои 2021-2025 бармеоянд, муассисаҳои илмии Академия фаъолияти худро барои беҳтар намудани сифат ва самарабахшии таҳқиқот, татбиқи васеи дастовардҳои илм дар истеҳсолот, тарбияи олимони ҷавон, такмили сохтори зерташкилотҳои Академия ва беҳсозии пойгоҳи моддию техникии муассисаҳои илмию хоҷагиҳои таҷрибавӣ сафарбарменамояд.

Баҳри иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати рушди бахшҳои соҳаи кишоварзӣ, дар муассисаҳои илмии Академия таҳқиқот тибқи 62 мавзӯи фармоишӣ, 8 барномаи байналмилалӣ ва 4 лоиҳа тибқи Фонди Президентии таҳқиқоти бунёдӣ идома дошта, дар муассисаҳои илмӣ ва зерташкилотҳои онҳо зиёда аз 82 қитъаи намоишӣ ва 194 қитъаи таҷрибавӣ ташкил гардидаанд, ки дар онҳо омӯзиши усулҳои муосири селексия, технологияи парвариши зироатҳо ва чорвои кишоварзӣ, бунёди боғҳои интенсивӣ, роҳҳои мубориза бар зидди касалиҳою зараррасонҳои зироату чорво ва ғайра гузаронида шуда, дар ин самт корҳо идома доранд.

Соли 2021 олимони муассисаҳои илмии Академия доир ба дастовардҳои илмӣ соҳиби 8 ихтироот гардиданд. Бо қарори Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 - навъи зироатҳои кишоварзӣ ва дарахтони мевадиҳанда, аз он ҷумла 2 - навъи гандуми мулоимдона, 1 - навъи пахтаи миёнанахи гурӯҳи миёнапаз, 3 - навъи пахтаи маҳиннах, 1 - навъи шолӣ, 1 - навъи ҷуворимакка, 2 - навъи юнучқа, 1 - навъи арзан ва 1 навъи ангур минтақабоб гардиданд. Инчунин аз ҷониби олимони Академия 20 навъи зироатҳои кишоварзӣ ва дарахтони мевадиҳандаи офаридашуда, бо қарори комиссияи мазкур барои омӯзиш қабул карда шуданд.

Муҳаққиқони Институти зироаткорӣ дар асоси дастовардҳои илмӣ соҳиби 11 шаҳодатномаи ҳуқуқи селексионерӣ ва 2 хабари мусбат оид ба гирифтани нахустпатент гардиданд. Тибқи қарори Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 - навъи зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷониби комиссияи мазкур ба таври расмӣ қабул гардиданд.

Дар Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ тибқи қарори Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 - навъи ангур - минтақабоб шуда, 8 - навъи дарахтони мевадиҳанда ва ангур аз ҷониби комиссияи мазкур барои омӯзиш қабул гардиданд. Инчунин аз ҷониби Ташкилоти патентии авруосиёгӣ ба олимони институт 1 – патент ва 1 - шаҳодатномаи ихтироъкорӣ дода шуд.

Пажуҳишгарони Институти хокшиносӣ ва агрохимия дар асоси дастовардҳои илмӣ соҳиби 1 хабарнома оид ба натиҷаи мусбати экпертизаи расмии ихтироот гардиданд. Кормандони институт оид ба обёрӣ намудан ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани мавзеи Дашти Лучи ноҳияи Дарвоз дар масоҳати 437 га ва зиёда аз 855 га заминҳои солҳои тулонӣ бекорхобидаи ноҳияи Ванҷ, ба мутасаддиён ва хоҷагидорон тавсияҳои судманди илман асоснок доданд. Дар хоҷагиҳои алоҳидаи ноҳияҳои Қубодиён, Данғара ва Ёвон таркиби хок омӯхта шуда, ҷиҳати беҳтар намудани ҳосилхезии заминҳо тавсияҳо пешниҳод гардид.

Аз ҷониби олимони Институти чорводорӣ ва чарогоҳ ҳуҷҷатҳои ҷамъбастии зоти алои тоҷикии чорвои калони шохдор, зоти гӯсфандони маҳинпашми тоҷикӣ ва типии занбӯри асали тоҷикӣ, ба Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, ҳуҷҷатҳо оид ба типи чорвои сергӯшти тоҷикӣ барои пешниҳод омода гардидааст. Таҳқиқоти селексионӣ оид ба ташкили рамаҳои ҷавҳари зотии гӯсфандони зотҳои ҳисорӣ, бахри ба вуҷуд овардани типи нави “Шаҳринавӣ”-и зоти гӯсфанди ҳисорӣ идома доранд. Дар соҳаи бузпарварӣ оид ба вуҷуд овардани рамаҳои бузҳои ширдеҳ бо истифода аз маводи ирсии зотҳои бузи ширдеҳи зоаненӣ (Аврупоӣ) ва зоти нубӯӣ (Афғонистон ва Покистон), дар таҳқиқот наслҳои дурага ба даст омада, хусусиятҳои инкишофёбӣ, мутобиқшавӣ ва маҳсулнокии онҳо омӯхта шуда истодаанд. Инчунин таҳқиқот оид ба беҳтар намудани сифати пашми бузҳои серпашми зоти тоҷикӣ ва муайян намудани ирсиятҳои сермаҳсули кабк дар шароити ҷумҳурӣ, идома доранд.

Аз ҷониби олимони Институти тибби ветеринарӣ лоиҳаи илмӣ оид ба “Муҷаҳҳазгардонӣ ва насби хати истеҳсоли маводи биологӣ, кимиётерапевтӣ ва ташхисии ветеринарӣ (табобатӣ, пешгирикунанда ва ташхисӣ)” таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин лоиҳаҳои «Тарҳрезии маводи акарисидӣ бар зидди канаҳои ҳайвонот» ва «Тарҳрезии маводи акарисидӣ аз ашёи хоми растанӣ ба муқобили канаи занбӯри асал», таҳия ва ба Фонди Президентии таҳқиқоти бунёдӣ пешниҳод гардида, тасдиқ шуданд. Аз натиҷаи гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотӣ 3 дастури методӣ таҳия намуда, барои тасдиқ ба Шӯрои илмию техникии Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Аз ҷониби олимони Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнология бо мақсади таъмини амният ва эминии биологӣ, баҳодиҳӣ, таҳлил ва идоракунии таҳдидҳои биологӣ, ҳолати эпизоотии ноҳияҳои ҷумҳурӣ нисбат ба бемориҳои сироятиву инвазионии чорвои калону хурди

шохдор ва парандагон омӯхта, таҳлил карда шуд. Барои муайян намудани бемориҳои сироятии чорвою паранда ва дарёфти ангезаи онҳо, корҳои илмию таҳқиқотӣ гузаронида, дар натиҷаи ташхисҳо 3 изолят ошкор карда шуд.

Олимони институт барои дастовардҳои илмӣ аз ҷониби Маркази миллии патенту иттилоот барои ихтироот соҳиби 11 шаҳодатномаи ҳаммуаллифӣ гардиданд. Як хабарнома дар бораи натиҷаи мусбати экспертизаи расмӣ ба ихтироот дода шуд. Инчунин 3 лоиҳа барои маблағгузорӣ пешниҳод гардида, 2-тои он тасдиқ гардид. Бо истифода аз хайлаҳои микроорганизмҳои маҳаллӣ 95 ҳазор воя ваксинаи зидди сияҳрони чорвои кишоварзӣ истеҳсол ва ба хоҷагиҳои чорводорӣ дастрас гардид.

Аз ҷониби олимони Институти иқтисодиёт тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалгардонии механизм ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои КАС пешниҳод гардиданд. Барои рушд намудани иқтидори содиротии кишвар, ҳавасмандии молистеҳсолкунандагони ватанӣ бо роҳи пешниҳод намудани қарзҳои имтиёзнок ва ташкил намудани имтиёзҳои андозии содироти маҳсулоти тару тоза, инчунин коркардшудаи кишоварзӣ, тавсияҳо дода шуд. Талаботи илман асосноки рушди инфрасохтори бозори хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, пешниҳод гардид. Аз тарафи олимони институт бунёди низоми маҷмуии сармоягузорию устуворгардонии идораи рушди ҳудудҳои деҳот дар асоси таносуби муносиби иштироки давлат ва шарикони хусусӣ пешниҳод гардид. Хусусияти фарққунандаи низоми маҷмуии сармоягузорию устуворгардонии идораи рушди ҳудудҳои деҳот муайян карда шуд.

Аз ҷониби олимони Маркази миллии захираҳои генетикӣ тухмии 46 навъу намунаҳои зағир, 30 навъу намунаҳои маъсар, 25 навъу намунаҳои офтобпараст, 21 навъу намунаҳои юнучқа, 53 навъу намунаҳои мушунг, 11 навъи қатраборон ва 45 навъи гандум, ки дар Бонки захираҳои генетикӣ нигоҳ дошта мешуданд, бо мақсади муайян кардани қобилияти сабзиши тухмиҳояшон, дар озмоишгоҳи ҳарораташ танзимшаванда мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Дар натиҷаи ҳамкориҳои тарафайни илмӣ ва бо мақсади ҳифзи генофонди зироатҳои кишоварзии маҳаллӣ, дарахтони мевадиҳандаи донакдору тухмакдори маҳаллӣ ва растаниҳои шифобахш бо Ташкилоти ҷамъиятии “Ёхсу”, дар деҳаи Оби шӯри ҷамоати деҳоти Шугнови ноҳияи Ховалинг бонки захираҳои генетикии минтақавӣ таъсис дода шуд. Аз ҷониби олимони Марказ дар якҷоягӣ бо Маркази байналмилалии сабзавоткорӣ навъи моши сиёҳдонаи “Истиқлолият-30” ба Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд. Ба тариқи экспедитсияи муштараки илмӣ дар якҷоягӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии “Сайёраи сабз”, тухмии 18 навъу намунаи зироатҳои кишоварзӣ аз ноҳияи Муъминобод ва 10 навъу намуна аз ноҳияи М.А. Ҳамадонӣ, ҷамъоварӣ карда шуд.

Ихтирокорони Маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механиконии кишоварзӣ дар соли сипаригардида соҳиби 1 арзнома барои гирифтани хулосаи мусбат оид ба “Мошинолоти муштараки КМ-0,6-0,3 (Ташкилоти Патенти Авру осиёгӣ) гардиданд. Ҳамзамон ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ ҷиҳати сохтани намунаи таҷрибавии мошинолоти ТҶ-4 барои тоза кардани дони ҷуворимакка аз сӯта, култиватори ғизодиҳандаи хурдҳаҷми КТ-1 барои коркарди хоки байни қаторҳои зироатҳои каландшаванда ва мошинолоти хурдҳаҷми ДО-1 (окучник) барои хокпӯшон кардани бехи қаторҳои зироатҳои каландшаванда тартиб дода шуданд. Дар ин асос шумораи таҷрибавиашон сохта, мушаххасоти кориашон тавассути таҷрибаҳои саҳроӣ асоснок карда шуданд.

Аз тарафи олимони Маркази ҷумҳуриявии илмию таҳқиқотии пиллапарварӣ хусусиятҳои асосии репродуктивӣ, нишондиҳандаҳои биотехнологии маводи селексионӣ-оилаҳо, шаҷараҳо, зоту дурагаҳои маҳаллӣ ва коллексияи аз хориҷ ворид кардашудаи кирмаки абрешим, теъдоди 620 оилаи селексионӣ омӯхта шуд. Аз ҷумла зотҳои кирмаки пиллаи Тоҷикистон 1, Тоҷикистон 2, Хуҷанд 1, Хуҷанд 2 ва зотҳои озмоишии аз хориҷи кишвар вориднамуда, аз ҷумла Хитой, Россия, Корея, Туркия, Булғория, Эрон, Ветнам ва ғайра. Дар соҳаи тутпарварӣ омӯзиши фенологии шаклҳо ва навъҳои гуногуни дарахти тут ва муайян намудани нишондиҳандаҳои онҳо идома дорад.

Дар қитъаҳои таҷрибавии Маркази илмии кишоварзии Помир дар ноҳияи Рӯшон (1800м) ва Ишкошим (2600 м) коллексияи навъу намудҳои зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла картошка, лӯбиёдонагиҳо (нахӯд, мош) ва навъҳои сабзавот ташкил карда шуд. Дар нуқтаҳои таҷрибавии ноҳияҳои Рӯшон ва Ишкошим 8 навъи картошка кишт ва омӯзиш гузаронида шуд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки бо дигаршавии иқлим ҳосилнокии картошка соли ҷорӣ дар ноҳияи Рӯшон навъи “Лорх” зиёда аз 11 т/га, навъи “Вомар” зиёда аз 17,9 т/га-ро ташкил дод. Дар ноҳияи Ишкошим бошад, картошкаи навъи М-1 зиёда аз 26 т/га ва навъи “Бигроза” зиёда аз 19,4 т/га ҳосил доданд. Дар қитъаи таҷрибавии ноҳияи Ишкошим иловатан 8 навъи картошкаи беҷирм зери докахона кишт ва омӯзиши онҳо гузаронида шуд.

Инчунин дар қитъаи таҷрибавии ноҳияи Мурғоб 5 навъи картошка, зироатҳои сабзавотӣ укроп, гашнич, кариандра, редис, турб, лаблабу, салатный лист, райҳон ва растаниҳои хӯроки чорво, кишт гардида, омӯзиши онҳо гузаронида шуд. Ҳамзамон, дар хоҷагии таҷрибавии Марказ дар н. Мурғоб саршумори қутосҳои экотипи помирӣ ва дурагаҳои муғулӣ ба 167 сар расонида шуд. Соли ҷорӣ аз подаи таҳқиқотӣ 24 сар насл гирифта шуда, барои хушзот намудани чорвои хоҷагиҳои деҳқонию фермерии ВМКБ 20 сар қутоси сермаҳсул пешниҳод гардид.

Коршиносони Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату кумитаҳои ҷумҳурӣ, зиёда аз 20 пешниҳодҳо оид ба масъалаҳои ҳалталаби рушди илму истеҳсолоти кишоварзӣ ирсол намуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ 1 рисолаи доктор PhD ва 15 рисолаи номзадӣ дифоъ гардида, 18 рисолаи илмӣ барои дифоъ омода карда шудааст. Ҳоло дар магистратураю докторантура PhD 81-нафар магистр ва 77- нафар доктор PhD, инчунин 49 нафар унвонҷӯён ба таҳсил машғуланд. Соли ҷорӣ дар муассисаҳои илмии Академия 42 нафар магистратураро хатм намуданд.

Ҳамзамон, Шӯроҳои диссертатсионӣ дар назди Институтҳои зироаткорӣ ва тибби ветеринарии АИКТ фаъолият карда, 3 рисолаи номзадӣ дифоъ гардид. Ба мақсади ғанӣ гардонидани иқтидори илмии Академия соли ҷорӣ 2 нафар олимон аз рӯи ихтисосҳои “Физиология ва генетикаи ҳайвонот” ва “Технологияи истеҳсоли маҳсулоти ғалладона”, аъзои вобастаи АИКТ интихоб гардиданд.

Олимони муассисаҳои илмии Академия дар давраи ҳисоботӣ оид ба масъалаҳои рӯзмарраи рушди соҳаи кишоварзӣ 584 кори илмӣ, аз ҷумла 48 китоб, монографияву маҷалаҳо ва 23 тавсияномаю дастур, 15 буклет ва 463 мақолаҳои илмӣ аз чоп бароварда, тавассути рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ 35 мақолаи илмӣ-омавӣ нашр намуданд.

Бо ташаббуси муассисаҳои илмии Академия 10 конференсияю семинари ҷумҳуриявию байналмилалӣ, 21 конференсияю семинари илмию амалии минтақавӣ, 24 рӯзи саҳро, 4 рӯзи фермерӣ ва 1 мизи мудаввар гузаронида шуд. Ҳамзамон, олимон дар кори 322 конференсияю семинарҳои минтақавӣ ва ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок ва баромад намуданд.

Ба мақсади тарғибу ташвиқи дастовардҳои илмӣ ва тавсияномаҳо оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ 329 маротиба ба воситаи симо ва 75 маротиба ба воситаи садо мубоҳисаи олимон баргузор гардид.

Соли ҷорӣ бо назардошти дастовардҳои назаррас дар рушди илми кишоварзӣ 2 олими Академия бо унвони фахрии “Корманди шоистаи Тоҷикистон”, 3 нафар бо медали “Хизмати шоиста”, 4 нафар бо “Дипломи АИКТ”, 3 нафар бо медали ҷашнии 90-солагии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур ва зиёда аз 70 нафар бо Ифтихорномаю Сипосномаҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи марказии иттифоқи касабаи КАС ва 1 нафар бо медали тиллоии ташкилоти авруосиёгӣ барои саҳмгузорӣ дар фаъолияти ихтироъкорӣ, сарфароз гардонида шуданд.

Дар асоси амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” №АП-43,”Илм фурӯғи маърифат” аз 11.02.2021, №АП-44 ва фармоиши АИКТ аз 25.02.2021 №9 дар муассисаҳои илмии Академия озмунҳои мазкур дар байни магистрантҳо, докторантон, унвонҷӯён ва ходимони илмӣ, дар чор давр гузаронида шуда, 7 нафар ғолиб аз рӯи номинатсияҳои ихтироъкорӣ ва навоварӣ, химия ва назм бо туҳфаҳои пулӣ қадрдонӣ шуда, 3 нафари онҳо барои иштирок ба даври сеюм (даври шаҳрӣ), 1 нафар ба даври ҷумҳуриявӣ пешниҳод гардида, бо ифтихорнома қадрдонӣ шуданд.

Муассисаҳои илмии Академия дар чорабиниҳои ҷумҳуриявии таҷлили ҷашнҳои Сада, Наврӯз, Меҳргон, Идҳои каду, тарбуз, харбуза ва асал бо пешниҳоди рукнҳои идҳои мазкур ва дастовардҳои муассисаҳои илмии Академия иштирок карда, сазовори "Сипоснома"-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд.

Ба Раёсати Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар соли 2021 ҳамагӣ 2397 ҳуҷҷат ворид гардидааст. Аз ин миқдор 431 аснод ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1966 аснод ба вазоратҳою ташкилотҳои гуногун, мақомоти иҷроияи ҳукуматҳои маҳаллӣ, муассисаҳои илмии АИКТ ва шаҳрвандони алоҳида тааллуқ дорад. Оид ба иҷрои қарору супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 228 маълумот пешниҳод шуда, асноди боқимонда барои иҷро таҳти назорат қарор дошта, ба 518 асноди вазорату ташкилотҳои гуногун ҷавоб гардонида шуд. Ҳамзамон, ба Раёсати АИКТ аз Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 256 аснод ворид гардида, ба 157-тои он ҷавоб гардонида, боқимондаи онҳо мавриди баррасӣ ва иҷро қарор доранд.

Доир ба кабудизоркунию ободонӣ ва сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои илмии Академия мунтазам шанбегиҳо гузаронида, 16358 бех ниҳол ва зиёда аз 7 ҳазор адад гулҳои мавсимӣ шинонида шудааст.

Хоҷагиҳои таҷрибавӣ, стансияю пойгоҳҳои Академия дар маъракаи ниҳолшинонии солҳои 2020-2021 зиёда аз 20 ҳазор бех ниҳолҳои мевадиҳандаю сояафканро барои фурӯш пешниҳоди харидорон намуданд.

Ба мақсади сазовор истиқбол намудани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар муассисаҳои илмии Академия иҷрои корҳои ободонӣ тибқи нақша - чорабиниҳои тасдиқгардида бо маром идома дошта, фермаи чородории пойгоҳи Суғдиёни Институти зироаткорӣ дар ноҳияи Шаҳристон, 5 адад чоҳи амудӣ барои обёрии 80 га замин дар пойгоҳи Сомғори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ дар ноҳияи Б. Ғафуров, гармхонаҳои замонавӣ дар пойгоҳи Тангаии Институти хокшиносӣ ва агрохимия дар шаҳри Ваҳдат ва Стансияи таҷрибавии зироатҳои ситрусӣ ва суптропикии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ сохта ба истифода дода шуда, бинои маъмурии Стансияи тачрибавии Файзободи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ, инчунин бинои озмоишгоҳи Стансияи хокшиносии минтақавии Файзободи Институти хокшиноси ва агрохимия аз таъмири асосӣ бароварда шуданд. Ғайр аз ин ду чоҳи амудӣ сохта барои обёрии 8 га замин дар Маркази миллии захираҳои генетикӣ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 52 га замини бекорхобидаи Стансияи хокшиносию мелиоративии Вахш дар мавзеи Қараланг ва тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо дар масоҳати 200 га дар пойгоҳи таҷрибавии Лахши ноҳияи Лахш бо дастгирии шарикони рушд (Каритас) гузаронида шуд.

Дар фаъолияти муассисаҳои илмии Академия ва зерташкилотҳои он дар қатори дастовардҳо, масъалаҳои ҳалталаб дар таҳкими пойгоҳи моддию техникӣ, беҳтар намудани сифату самаранокии таҳқиқот, татбиқи дастовардҳои илмӣ ва технологияҳои инноватсионӣ дар

истеҳсолот ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмӣ, ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ мавҷуданд. Инчунин, фаъолияти истеҳсолию молиявии хоҷагиҳои таҷрибавӣ, филиалу стансия ва пойгоҳҳо беҳбудиро талаб менамоянд.

**Вазифаҳо барои соли 2022**

1. Роҳбарони муассисаҳои илмии АИКТ вазифадор карда шаванд, ки фаъолияти илмию амалиро барои иҷрои супоришҳое, ки аз Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21.12.2021), барномаҳои давлатии рушди бахшҳои соҳаи кишоварзӣ ва Барномаи давлатии рушди АИКТ барои солҳои 2021-2025 бар меоянд, равона созанд.

2. Ба директорони муассисаҳои илмии АИКТ супорида шавад, ки тибқи талаботҳои замони муосир бо мақсади пешбурди илми соҳаи кишоварзӣ фаъолияти илмию истеҳсолии худро дар соли 2022 барои иҷрои вазифаҳои зерин равона созанд:

- густариши таҳқиқотҳо ҷиҳати офаридани навъҳои серҳосили зироатҳои кишоварзӣ ва дарахтони мевадиҳанда, мутобиқ ба тағйирёбии иқлим ва беҳтар намудани тухмипарварии ибтидоии онҳо;
- андешидани чораҳо ҷиҳати васеъ намудани кишти навъҳои ватании зироатҳои кишоварзӣ, зиёд намудани истеҳсоли тухмии хушсифат ва парвариши ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда;
- ба вуҷуд овардани зоту типҳои сермаҳсули чорво ва пилла, беҳтар намудани корҳои зотпарварӣ ва хушзоткунии онҳо;
- идомаи ташкили озмоишгоҳҳои замонавӣ ва таъмини озмоишгоҳҳои мавҷуда бо таҷҳизотҳои муосир;
- ҷалби бештари ҷавонон ба таҳқиқоти илмӣ, беҳтар намудани таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ тавассути магистратура, аспирантура, докторантура ва бозомӯзии онҳо;
- тақвият бахшидан ба тарғибу ташвиқи дастовардҳои илми кишоварзӣ ва технологияҳои инноватсионӣ, татбиқи бештари онҳо бо мақсади зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;
- баргузор намудани конференсияю семинарҳои илмию амалӣ доир ба масоили мубрами рушди кишоварзӣ;
- вусъати ҳамкориҳо бо муассисаҳои илмию таълимии ватанӣ ва хориҷӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифату самаранокии таҳқиқот ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ;
- андешидани чораҳо ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли саноатии доруҳои ветеринарӣ ва мошинҳои хурдҳаҷм барои хоҷагиҳои деҳқонию аҳолӣ;
- самаранок истифода намудани замин ва об, коҳиш додани иҷораи замин дар хоҷагиҳои таҷрибавӣ, филиалҳо, стансияю пойгоҳҳои муассисаҳои илмӣ, беҳтар намудани фаъолияти истеҳсолию молиявии онҳо.